«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори МДТ-и «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»,
профессор Усмонзода Аюб Ислом
______________________
«___»____________соли 2024-ум

# ХУЛОСАИ КАФЕДРАИ ЗАБОНИ ТОҶИКИИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи Мирзозода Ноил Мирзо таҳти унвони **«Таҳлили муқоисавӣ-таърихии вожаҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд»-и «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дар кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» анҷом дода шудааст.

Мирзозода Ноил Мирзо соли 2017-ум Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, солҳои 2017-2019-ум таҳсилро дар зинаи магистратура ва солҳои 2019-2022-юм дар зинаи докторантура (PhD)-и ҳамин Донишгоҳ идома додааст.

Мирзозода Н.М. фаъолияти меҳнатиашро ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14-и шаҳри Гулистон (соли 2017-ум) оғоз намуда, баъдан дар вазифаҳои мудири шуъбаҳои дастхатҳову нашрияҳои нодир, табъу нашр ва муовини директор оид ба корҳои хоҷагиву тиҷорати Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ (солҳои 2018-2020-ум), муовини директор оид ба корҳои методии Маркази таҳсилоти иловагии вилояти Суғд (солҳои 2020-2021-ум) кор кардааст. Ӯ аз соли 2022-юм то моҳи сентябри соли  2024-ум ба ҳайси асистенти кафедраи педагогикаи умумӣ ва аз моҳи сентябри соли 2024-ум ҳамчун муаллими кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» кор карда меояд.

**Роҳбари илмӣ: Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» санаи 28.11.2019, қарори №4 тасдиқ карда шуда ва санаи 01.10.2024, қарори №2 ба унвони мавзуъ тағйироти ҷузъӣ ворид гардидааст.

**Ҳангоми таҳсил дар докторантура (PhD) имтиҳонҳои ниҳоӣ ва маҷмуиро** пурра бо баҳои **«аъло»** (Методикаи таълим дар мактабҳои олӣ – «аъло», методологияи таҳқиқоти илмӣ– «аъло», забони англисӣ – «аъло», фразеологияи забони адабии тоҷик – «аъло», таърихи навини забони адабии тоҷикӣ – «аъло», таърихи афкори забоншиносии тоҷик – «аъло», лингвистикаи матн – «аъло», забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ – «аъло», робитаҳои забонӣ – «аъло», орфоэпияи забони тоҷикӣ – «аъло», таҷрибаомӯзии педагогӣ – «аъло», таҷрибаомӯзии касбӣ (илмӣ) – «аъло», имтиҳони маҷмуӣ – «аъло») супоридааст **(Маълумотнома аз 16.09.2024, №01/4894).**

**Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид:**

Диссертатсияи Мирзозода Ноил Мирзо таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад, ки аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархурдор аст. Мавзуи баррасишуда аз он ҷиҳат муҳим аст, ки доир ба ҷанбаҳои гуногуни ҳузворишҳо, ки дар «Бурҳони қотеъ» бо номи «Занд»-у «Позанд» зикр шудаанд, таҳқиқот сурат нагирифтааст. Бинобар ин, муаллиф кӯшидааст, ки вижагиҳои зикри ҳузворишҳо, гардиши онҳо дар забонҳои куҳану миёнаи эронӣ, роҳҳои иқтибоси ин унсурҳои луғавӣ аз забони оромӣ ба гурӯҳи забонҳои эронии қадим ва зикри онҳо дар фарҳангномаҳоро нишон диҳад.

**Ҳадафи меҳварии таҳқиқ**, пеш аз ҳама, нишон додани таърихи иқтибоси ҳузворишҳо аз забони оромӣ ба форсии тоҷикӣ, роҳҳои интиқоли ин моддаҳои луғавӣ аз матнҳои куҳан ба сарчашмаҳои лексикографии давраи густариши фарҳангнависӣ дар Ҳинд, омилҳои омезишу роҳҳои калимасозӣ бо унсурҳои калимасози форсӣ-тоҷикӣ, мутобиқати маъноиву шаклии ҳузворишҳо бо вожаҳои арабӣ ва бурду бохти муалифи «Бурҳони қотеъ» дар сабт ва ташреҳи чунин гурӯҳи унсурҳои луғавии забон мебошад. Дар рисола се гурӯҳи ҳузворишҳо: аслӣ, омехта ва псевдоидеограммаҳо нишон дода шудаанд.

**Натиҷаҳои таҳқиқ** баёнгари онанд, ки ҳанӯз дар даврони куҳан иқтибоси вожаву ифодаҳо ва аломатҳои шартӣ байни забонҳои оилаҳои гуногун вуҷуд доштааст. Муаллифи «Бурҳони қотеъ», новобаста аз он ки

баъзан дар зикри вожаҳои решагӣ ва ҳузворишҳо иштибоҳ кардааст, дар ҳифзу интиқоли ин дастаи луғатҳо хизмати арзандае анҷом додааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот.** Таҳқиқи ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ аз он ҷиҳат аҳаммиятнок аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад ба ҳайси маводи назариявӣ дар тадқиқи аксар вожаҳои решагӣ ва дар шаклҳои гуногун дучор омадани онҳо дар забонҳои матрукгашта хизмат кунад. Ҳамчунин, дар шинохти вожаҳои «Занд»-у «Позанд» ва муайян намудани вижагиҳои луғавию маъноии онҳо ҳамчун маводи назариявӣ метавонад истифода гардад.

Дар сурати мураттаб сохтани нусхаи илмӣ-интиқодии луғатнома дар бахши таҳқиқи ҳузворишҳо, вожаҳои «Занд»-у «Позанд» амалан, барои аҳли таҳқиқ низ маводи ёрирасон хоҳад буд.

Зимни тадқиқи диссертатсия пажуҳишу тадқиқоти забоншиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди С.Айнӣ, А.Нуров, М.Шакурӣ, М.Қосимова, Д. Саймиддинов, Д.Наҷот, М.Ҳотам, Ҳ.Аҳадов, А.Ҳасанзода, О.М.Чунакова, В.С.Расторгуева, Д.И.Эделман, И.М. Оранский, А.Л. Хромов В.А. Капранов А.Деххудо, М.Муин, А.Ҳасан, П.Н.Хонларӣ, М.Абулқосимӣ, С.Урён, М.Кошонӣ, Ҳ.Ризо ва дигарон ба эътибор гирифта шудааст.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Навгонии илмии таҳқиқ аз нукоти зерин иборат мебошад:

- маводи муътамади бозмондаи оромиасл, ки ба ҳайси ҳузвориш дар сарчашмаҳо ёд шуда, дар «Бурҳони қотеъ» ба унвони «Занд»-у «Позанд» сабт гардидаанд, ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, ки ин ҷанбаи вожаҳои фарҳанги мавриди назар собиқаи омӯзиш надорад;
- ҳангоми таҳқиқ шаклҳои дучор омадани ҳузворишҳо дар забонҳои гуногун, аз ҷумла забонҳои матрук, бо такя ба сарчашмаҳои лексикографӣ нишон дода шуданд;
- дар асоси дастурҳои таърихии забоншиносӣ ва сарчашмаҳои марбут ба овошиносии таърихӣ мавридҳои табдилу азбайнравии овозҳо ва шаклҳои суфтаву муосири чанд вожа низ муайян карда шуд;
- бо истифода аз усули муқоисавӣ-таърихӣ решаи вожаҳои аслии тоҷикӣ ва ҳузворишҳои паҳлавӣ, шаклҳои дучор шудани онҳо дар забонҳои куҳану муосир ва вижагиҳои муродифии ҳузворишҳо бо калимаҳои аслӣ нишон дода шуд;
- хусусиятҳои ҳаммаъноии ҳузворишҳо, аз ҷумла муодили арабии онҳо низ нишон дода шуд, ки дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи ҷадид аст.

**Мақсади тадқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқ баррасии вижагиҳои калимаҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд»-и «Бурҳони қотеъ» маҳсуб

ёфта, аз ошкор кардани бурду бохти муаллифи «Бурҳони қотеъ» дар зикру ташреҳи чунин унсурҳои луғавӣ иборат аст.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ дар назди муаллифи рисолаи мазкур чунин вазифаҳо гузошта шудааст:

- ҷамъоварии маводи фактологӣ ва муайян намудани вожаҳои марбут ба «Занд»-у «Позанд»-и «Бурҳони қотеъ»;
- омӯхтани хусусиятҳои луғавию маъноии ҳузворишҳо ва бо назардошти ин хусусиятҳо ба гурӯҳҳо дастабандӣ намудани онҳо;
- омӯзиши назари муҳаққиқон доир ба ҳузворишҳо ва бо такя ба ин андешаҳо матраҳ сохтани вижагиҳои онҳо;
- муқоисаи маъноии вожаҳои «Занд»-у «Позанд»-и «Бурҳони қотеъ» бо сарчашмаҳои дигари лексикографӣ;
- таҳқиқи қиёсӣ ва этимологии вожаҳои «Занд»-у «Позанд» дар асоси сарчашмаҳо;
- бо усули муқоисавӣ-таърихӣ муайян намудани дараҷаи корбурд ва гунаҳои дучор омадани вожаҳои «Занд»-у «Позанд» дар забонҳои гуногун, хосса забонҳои матрук;
- муайян намудани омилҳо ва гунаҳои табдили овозҳо дар даврони муайяни таърихӣ ва шаклҳои суфтаву муосири вожаҳо;
- муқоиса ва ҷудо кардани вожаҳои решагӣ аз ҳузворишҳои ҳаммаъноии онҳо.

Пажуҳиш дар заминаи маводи фарҳанги «Бурҳони қотеъ», ки бо кӯшиши Амон Нуров таҳия шудааст, таълиф гардидааст.

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

1. Назари муҳаққиқон дар бораи истилоҳи «ҳузвориш», вожаҳои «Занд»-у «Позанд», сарчашмаи пайдоиши ин истилоҳ, роҳҳои ворид гардидани онҳо ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва сарчашмаҳои интиқолдиҳандаи ин гуна вожаҳо, инчунин мавқеи «Бурҳони қотеъ» дар ин самт яке аз нуктаҳои муҳиммест, ки ҳангоми дифои рисола таваҷҷуҳ хоҳад шуд.

2. Нуктаи дигар дидгоҳи луғатшиносон доир ба нақсу тасҳифот ва бадхониҳо дар «Бурҳони қотеъ» ва арзиши илмиву саҳми он дар ҳифзи сарватҳои луғавии решагӣ мебошад.

3. Омилҳои ба унвони «Занд»-у «Позанд» сабт шудани ҳузворишҳо низ аз масъалаи муҳимми мавзуи диссертатсия маҳсуб меёбад.

4. Муаллифи «Бурҳони қотеъ» зери истилоҳи вожаҳои «Занд»-у «Позанд» на танҳо ҳузворишҳо, балки ҳар гуна унсури луғавии ба забони Авесто ва матни позандҳо хосро дар назар дорад.

5. Қиёсу муқобала ва баррасии тафовути решагиву қаробати маъноии ҳузворишҳо бо калимаҳои аслӣ ва иқтибосоти арабӣ, инчунин

бо истифода аз усули муқоисавӣ-таърихӣ муайян намудани шаклҳои суфташудаи моддаҳои луғавӣ дар давраҳои гузариши забон нуктаи дигари ба дифоъ пешниҳодшаванда аст.

6. Нуктаи муҳимми дигар натиҷаи қиёсу муқобалаи баррасии моддаҳои луғавие мебошад, ки бар асари тасҳифот ва бадхониҳо ҳамчун ҳузвориш сабт шудаанд.

7. Ҳамчунин матраҳ намудани робитаи забонҳо дар гузашта ва дар асоси муқоиса нишон додани ғановати луғавии забони форсӣ-тоҷикӣ нисбат ба забонҳои дигар аз масъалаҳои асосии таҳқиқ мебошад, ки барои ҳимоя манзур хоҳад шуд.

**Муҳтавои мавзуи диссертатсия дар 5 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, инъикос ёфтааст:**

[1-М] Мирзозода Н. Зикри узввожаҳои мансуб ба луғати «Занд»-у «Позанд» дар «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон [Матн] / Н. Мирзозода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021, № 5. –С. 123-127.

[2-М] Мирзозода Н. Идеограммаҳои ифодакунандаи ҳаракату ҳолат дар «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон» [Матн] / Н. Мирзозода // Ахбори ДДҲБСТ. – 2022, № 2. –С. 96-103.

[3-М] Мирзозода Н. Ҳузворишҳои сермаъно дар «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон [Матн] / Н. Мирзозода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022, № 3. –С. 87-90.

[4-М] Мирзозода Н. Ҳузворишҳои марбут ба ҳайвонот дар «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон [Матн] / Н. Мирзозода // Паёми Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – 2023, № 2. –С. 138-143.

[5-М] Мирзозода Н. Сифатҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд» (ҳузворишҳо) дар «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон [Матн] / Н. Мирзозода // Паёми Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – 2023, № 4. –С. 133-138. (бо ҳаммуаллифии Ҳасанзода А. А.)

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба амалисозии натиҷаи тадқиқот, феҳристи осори тадқиқӣ ва интишороти муаллиф иборат мебошад.

**Тавсия ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия кори илмии баанҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) ба ҳимоя тавсия мегардад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул шудааст.

Кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» диссертатсияи Мирзозода Ноил Мирзоро кори илмии баанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳама талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) тавсия менамояд.

Дар маҷлиси кафедра 4 доктори илмҳои филологӣ, профессор Ваҳҳобов Толиб, Шокириён Туғрал, Ҳасанзода Абдуҷамол, Азимова Матлуба, 9 нафар номзади илмҳои филологӣ, дотсент С.Ҳоҷиев, Н.Ҳикматуллоев, М.Неъматуллоева, А.Шарипов, М.Юсупова, С.Ӯзбеков, З.Қӯрғонов, Ш.Раҳматов, М.Хоҷаева ва 2 нафар номзади илмҳои филологӣ, муаллими калон А.Қобилов, Н. Ҳусейнбоев иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи №3-юм аз 24-уми октябри соли 2024-ум.

**Раисикунанда,**
**профессори кафедраи забони тоҷикии**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**доктори илмҳои филологӣ** **Шокириён Т.С.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил. Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
Тел.: (+992) 92-634-51-00.
E-mail: shokirov1953@mail.ru

**Мудири кафедраи забони тоҷикии**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**доктори илмҳои филологӣ** **Олимҷонов М.О.**

Хулоса дар маҷлиси кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул шудааст.

Кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» диссертатсияи Мирзозода Ноил Мирзоро кори илмии баанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳама талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) тавсия менамояд.

Дар маҷлиси кафедра 4 доктори илмҳои филологӣ, профессор Ваҳҳобов Толиб, Шокириён Туғрал, Ҳасанзода Абдуҷамол, Азимова Матлуба, 9 нафар номзади илмҳои филологӣ, дотсент С.Ҳоҷиев, Н.Ҳикматуллоев, М.Неъматуллоева, А.Шарипов, М.Юсупова, С.Ӯзбеков, З.Қӯрғонов, Ш.Раҳматов, М.Хоҷаева ва 2 нафар номзади илмҳои филологӣ, муаллими калон А.Қобилов, Н. Ҳусейнбоев иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи №3-юм аз 24-уми октябри соли 2024-ум.

**Раисикунанда,**
**профессори кафедраи забони тоҷикии**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**доктори илмҳои филологӣ** **Шокириён Т.С.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил. Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
Тел.: (+992) 92-634-51-00.
E-mail: shokirov1953@mail.ru

**Мудири кафедраи забони тоҷикии**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**доктори илмҳои филологӣ** **Олимҷонов М.О.**

**Котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи**
**забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**номзади илмҳои филологӣ** **Қӯрғонов З.Д.**
E-mail: **suhanvar1983@mail.ru**
**(+992) 92-840-11-65**

«Имзоҳои Шокириён Т.С., Олимҷонов М.О. ва Қӯрғонов З.Д.-ро тасдиқ мекунам»:

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Сайдуллозода З.С.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил. Суғд, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков, 1.,
Тел.: (+992) 92-805-70-07,
E-mail: zarrina_14.10.70@mail.ru

**«24» октябри соли 2024-ум.**